«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Насриддинзода Э.С.________
«____»_______________соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Каримов Хуршед Сафомудинович унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Каримов Хуршед Сафомудинович соли 2011 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ дохил шуда, онро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Аз соли 2016 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 09.02.2019, №58-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда, онро 30.12.2022. №498-05 хатм намудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии 28-уми ноябри соли 2020, суратмаҷлиси №5 (20-21), тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Мирзозода Парвон Зайналобудин, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 18 апрели 2024, №56 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 30 апрели соли 2025 №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул **карда шуд:**

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилали хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.**

Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 1 воситаи таълимӣ ва 13 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардидида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Ин таҳқиқот барои

мақомоти давлатӣ, ки танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъориро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мекунанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар амалиёти асъорӣ иштирок мекунанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, инчуни́н дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ ва судҳои юрисдиксияи умумии Тоҷикистон истифода шаванд.

Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин омӯзиши механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди таълим, хусусан ҳангоми таълими фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.**

Диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навоварии кор аз он иборат аст, ки то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои ҳуқуқии танзими муомилоти асъорӣ мавзуи омӯзиши муфассали монографӣ набуданд, ки ин таҳлилро саҳми муҳим дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мегардонад. Масалан:

1. Дар тафсири муаллиф, асъор воситаи универсалии пардохт аст, ки дар ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми хариди мол, иҷрои корҳо, пешниҳоди хидматҳо ва инчунин ҳангоми иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи созишномаҳои қарзӣ истифода мешавад. Танзими самараноки ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ дар таъмини устувории асъори миллӣ нақши калидӣ дорад.

2. Муомилоти асъорӣ падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, дар низоми танзими асъорӣ мавқеи марказиро ишғол мекунад. Ин раванд маҷмуи амалҳои ҳуқуқӣ ва воқеии субъектҳои муносибатҳои асъориро дар бар мегирад, ки ба харид, тағйир ё қатъи ҳуқуқ ба сарватҳои асъорӣ нигаронида шудаанд. Дар ин доира ҳисоббаробаркунӣ байни резидентҳо

ва ғайрирезидентҳо, интиқоли маблағҳои пулӣ аз сарҳад ва амалиёт бо коғазҳои қиматноки давлатӣ сурат мегирад.

3. Аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ, асъори рақамӣ дороии сармоягузорӣ буда, ба воситаҳои анъанавии асъорӣ монанд аст. Он метавонад берун аз муомилоти тиҷоратӣ истифода шавад ва ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки онро дар қарздиҳӣ, сармоягузорӣ ва дигар амалиёти молиявӣ татбиқ намоянд.

Диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 1 воситаи таълимӣ ва 13 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои баррасишавандае, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 13 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои баррасишаванда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М] Каримов, Х.С. Табиати ҳуқуқии муомилоти гражданӣи сарватҳои асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (23). – С. 174-178.

[2–М] Каримов, Х.С. Доир ба баъзе масъалаҳои мафҳум ва мавзуи ҳуқуқи асъор [Матн] / Х.С. Каримов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2022. – № 3 (27). – С.190-198.

[3–М] Мансурӣ, Ш.Ҷ., Каримов, Х.С. Маҳмашарифзода, А.М. Дар бораи мафҳум ва таснифоти уҳдадориҳои пулӣ [Матн] / Ш.Ҷ. Мансурӣ, Х.С. Каримов, А.М. Маҳмашарифзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – Душанбе, 2023. – № 1 (45). – С. 134-138.

[4–М] Мирзозода, П.З., Каримов, Х.С. Омилҳои молу мулкию ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ [Матн] / П.З. Мирзозода, Х.С. Каримов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – Душанбе, 2024. – № 2 (46). – С. 81-90.

**II. Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд:**

[5–М] Каримов, Х.С. Танзими ҳуқуқи асъор [Матн] / Х.С. Каримов // Материалы Шестой Международной научно-практической студенческой конференции на тему: “Актуальные вопросы юриспруденции” (26 апреля 2019 года). – Душанбе: РТСУ, 2019. – С. 102-104.

[6–М] Каримов, Х.С. Моҳияти иқтисодӣ ва ҳуқуқии сарватҳои асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Маводҳои конференсияи байналмилали илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Конститутсияи ҶТ ва низоми ҳуқуқи миллӣ, заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ” бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва “70-солагии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.” – Душанбе, 2019. – С. 351-353.

[7–М] Каримов, Х.С. Танзими ҳуқуқии бозори асъор [Матн] / Х.С. Каримов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019-2021) ва “400-солагии Миробид Сайидо Насафӣ.” – Душанбе, 2019. – С.136-138.

[8–М] Каримов, Х.С. Мафҳум ва моҳияти пул ҳамчун арзиши асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (8-уми октябри соли 2020). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2020. – С. 133-136.

[9–М] Каримов, Х.С. Ҳуқуқи уҳдадорӣ оид ба сарватҳои асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. – Душанбе, 2020. – № 4 (20). – С. 155-160.

[10–М] Каримов, Х.С. Омилҳои амволию ҳуқуқии муомилоти граждании сарватҳои асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Нашрияи солонаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ (маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ ва 80-солагии доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон Шомурат Менглиев). – Душанбе, 2021. – С. 131-135.

[11–М] Каримов, Х.С. Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти граждании арзишҳои асъорӣ [Матн] / Х.С. Каримов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ” аз 7-уми октябри соли 2021. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 230-233.

[12–М] Каримов, Х.С. Танзими ҳуқуқии асъор [Матн] / Х.С. Каримов // Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба “75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, “115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров, “Соли 2023 – Соли забони русӣ” ва “Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”. – Душанбе, 2023. – С.160-166.

[13–М] Каримов, Х.С. Оид ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии асъор дар ҶТ [Матн] / Х.С. Каримов // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба “30-юмин солгарди қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020 – 2040)”. – Душанбе, 2024. – С. 203-208.

**III.Воситаи таълимӣ:**

[14–М] Сангинов, Д.Ш., Азамқулов, Ф.Ҳ., Каримов, Х.С., Раҷабзода, Х.Р. Ҳуқуқи асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ. [Матн] / Д..Ш. Сангинов, Ф. Ҳ. Азамқулов, Х. С. Каримов, Х. Р. Раҷабзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 144 с.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Каримов Хуршед Сафомудинович дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 21 нафар, аз ҷумла, 4 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 9 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 5 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи

овоздиҳӣ «тарафдор» – 21 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №9 аз 30-уми апрели соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва тиҷорати факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Мавлоназарзода О.А.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.

**Имзои** Мавлоназарзода О.А. **ва** Маҷидова Р.**-ро**
**тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
«30» 04 соли 2025

Суроғa: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj